# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ АЗ РӮЙИ ИХТИСОС

**Парвандаи аттестатсионии №_______________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 04.04.2025, №59**

Барои сазовор донистани Зоҳири Тоҷидин, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ дода шавад, дода мешавад.

Диссертатсияи Зоҳири Тоҷидин дар мавзуи «Фишангҳои амалигардонии сиёсати минтақавии давлат дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ санаи 28 январи соли 2025, дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №73 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 07 январи соли 2022, таҳти №13/шд ва дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, таҳти №402/шд таъсис дода шудааст.

Унвонҷӯ Зоҳири Тоҷидин, соли таваллудаш 15.04.1990, миллаташ тоҷик, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Зоҳири Тоҷидин соли 2012 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси Баҳисобгирии бухгалтери таҷҳлил ва аудит хатм намудааст. Зоҳири Тоҷидин солҳои 2013-2016 ба сифати аспиранти кафедраи менеҷмент ва маркетинг, солҳои 2016-2020 ассистенти кафедраи менеҷмент ва маркетинг, фаъолият намудааст.

Солҳои 2021-2025 ба ҳайси муовини декан (эдвайзер) оид ба таълими факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намудааст. Аз апрели соли 2025 то ҳол ба сифати муаллими калони кафедраи менеҷмент ва маркетинги факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи милии Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Зоҳири тоҷидин дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи милии Тоҷикистон аз 26-уми феврали соли 2019, суратҷаласаи №5/А тасдиқ гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:**

Роҳбари илмии унвонҷӯ – **Солеҳзода Ашурбой Абдувоҳид –** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

**Раҷабов Раҷаб Кӯчакович –** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти гумруки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

**Сафоев Ҳикматулло Сайфуллоевич –** доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси, **6D052000 – Бизнес - мудирияти соҳибкорӣ, и.в., дотсенти** кафедраи иқтисодиёт ва идораи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба диссертатсия хулосаи мусбат додаанд.

**Муассисаи пешбар** – **Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон** дар тақризи худ, ки аз ҷониби н.и.и., дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинг Шарифов С.Ш. таҳия гардида, дар ҷаласаи васеи кафедраи менеҷмент ва маркетинг баррасӣ ва муҳокима карда шудааст (суратҷаласаи №8/1, аз 03.03.2025) ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Файзулло М.Қ. санаи 05.03.2025 сол тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз хулоса чунин бароварда шудааст, ки диссертатсияи Зоҳири Тоҷидин дар мавзуи «Фишангҳои амалигардонии сиёсати минтақавии давлат дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» кори илмию таҳқиқотии мустақилона ба итмомрасида дониста шуда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисос, ки бо “Низомномаи шурои диссертатсионӣ” ва “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” муқаррар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Зоҳири Тоҷидин барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ сазовор мебошад.

Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Дар хулосаи мусбат қайд шудааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 14 интишороти илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

## ИНТИШОРИ ДОВТАЛАБ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### Мақолаҳо дар маҷалаҳои тақризшаванда

**[1-М].** Зохири, Т. Необходимость расширения практики государственно- частного партнерства в Республике Таджикистан [Текст] / Т. Зохири //Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе: Сино, 2014. – № 2/6 (144). – С.101 - 103. ISSN 2413-5151.

**[2-М].** Зохири, Т. Теоретическое исследование сущности и особенностей государственно-частного партнерства [Текст] / Т. Зохири // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе: Сино, 2014. – № 2/10 (152), ч.2. – С. 247 - 251. 247. ISSN 2413-5151.

**[3-М].** Зоҳири, Т. Хусусиятҳои минтақавии шарикии давлат бо бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.А. Солеҳзода, Т. Зоҳири //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ), бахши иқтисодӣ-иҷтимоӣ. – Душанбе: Сино, 2015. – № 2/9(190). – С. 298 – 302. ISSN 2413-5151.

**[4-М].** Зохири, Т. Региональные особенности развития совместных предприятий как формы государственно-частного предпринимательства в Республике Таджикистан [Текст] / Т. Зохири // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе: Сино, 2016. – № 2/10 (119). – С. 258 – 261. ISSN 2413-5151.

**[5-М].** Зохири, Т. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ: таҷрибаи муосири ташаккул ва рушди иқтисодиёти минтақа [Матн] / А.А. Солеҳзода, Т. Зоҳири // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе: ДДТТ, 2022. – № 4/2(44). – С. 343 – 351. ISSN 2308-054X.

**[6-М].** Зоҳири, Т. Самтҳои афзалиятноки рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар минтақа [Матн] / Т. Зоҳири // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе: ДДМИТ, 2023. – №1 (35). – С. 381-390. ISSN 2663-0389.

**В других изданиях:**

**[7-М].** Зохири, Т. Государственно-частное партнерство – залог успешного развития социально-экономической системы [Текст]/ Т. Зохири// Материалы Международной научно-практической конференции «Проблемы устойчивости социально-экономического развития в условиях глобализации» (Душанбе, 8-9 апреля 2015 г.) – Душанбе, 2015. – С. 121-123.

**[8-М].** Зохири, Т. Эконометрический анализ развития платежеспособного спроса потребительского рынка товаров длительного пользования [Текст]/ Т. Зохири // материалы Международной научно-практической конференции «Образование и наука в XXI веке: современные тенденции и перспективы развития», посвященной «70-й годовщине со дня образования Таджикского национального университета». – Душанбе, 2018. – С. 155-158.

**[9-М].** Зохири, Т. Государственное частное партнерство как новая форма сотрудничества в экономических условиях Республики Таджикистан [Текст]/ Т. Зохири// Материалы Республиканской научно-теоретической конференции профессорско-преподавательского состава и сотрудников ТНУ, посвященной «20-й годовщине Дня национального единства» и «Году молодёжи». – Душанбе, 2017. – С. 214-216

**[10-М].** Зохири, Т. Риски государства и бизнеса при реализации проектов государственно-частного партнерства [Текст]/ Т. Зохири //материалы Республиканской научно-теоретической конференции сотрудников ТНУ, посвященной “Годам развития села, туризма и народных ремесел (2019-2021 гг.)” и “400-летию Миробида Сайййидо Насафи”. – Душанбе, 2020. – С.135-137

**[11-М].** Зохири, Т. Экономические и социальные последствия проекта государственно-частного партнерства: научные и теоретические аспекты [Текст]/ Т. Зохири// Стратегические подходы государственного и местного управления в условиях глобализации: материалы Республиканской научно-практической конференции (Душанбе, 5 апреля 2019 г. – Душанбе, 2019. – С. 89-93.

**[12-М].** Зохири, Т. Государственно-частное партнерство как эффективный механизм инновационного развития экономики [Текст]/ Т**.** Зохири// Материалы научно - теоретической конференции профессорско – преподавательского состава и сотрудников ТНУ, посвященной Международному десятилетию действия “Вода для устойчивого развития, 2018-2028 годы”, “Году развития туризма и народных ремесел”, “140-й годовщине со дня рождения Героя Таджикистана Садриддина Айни” и “70-й годовщине со дня создания Таджикского национального университета”. – Душанбе, 2018. – С.85-88.

**[13-М].** Зохири Т. Анализ мирового опыта применения механизма государственно-частного партнерства [Текст]/ Т. Зохири //Материалы Общеуниверситетского научно-теоретического круглого стола на тему: «Актуальные проблемы менеджмента в современных условиях» (Душанбе, 20 декабря 2019). – Душанбе, 2019. – С. 83-87.

**[14-М].** Зохири, Т. Некоторые проблемы реализации государственно-частного партнерства [Текст]/ Т. Зохири// Материалы Международной научно-практической конференции на тему: «Индустриализация страны и обеспечение устойчивого развития экономики» (Душанбе, 27 февраля 2020 года). – Душанбе, 2020. – С. 361363.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Садриддинов Манучеҳр Исломиддинович -** д.и.и., дотсент, и.в. мудири кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон **бо чунин эрод:**

- новобаста аз оне, ки объекти таҳқиқотии кори илмии мазкур фаъолияти шарикии давлат ва бахши хусусӣ, инчунин таъсири онҳо ба рушди иқтисодии минтақаҳои алоҳида интихоб шудааст, агар хубтару беҳтар мебуд дар автореферат таҷрибаи баъзе кишварҳои тараққикардаи дунё оварда шуда, кадом таҷрибаи пешқадами онро дар мисоли ҷумҳурии мо амалӣ намудан мумкин аст, асоснок ва пешниҳод мегардид.

- мутаасифона дар автореферат самаранокии иқтисодии ҳамкории шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар ҷумҳурӣ ва ин ё он минтақаи ҷумҳурӣ оварда

нашудааст, ки метавонист мазмуну мундариҷаи авторефератро боз ҳам ғанӣ мегардонид

**2. Қодирзода Хуршед Қодир – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент кафедраи баҳисобгири муҳосибӣ ва андозбандии Донишгоҳи давлатии Данғара бо чунин эрод:**

- Дар баробари бартариятҳои кори мазкур хуб мешуд, ки муаллиф ҳангоми таҳқиқот нишондиҳандаҳои рушди минтақаи интихобнамударо бо дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ таҳлил намуда, сармояталабии онро бо ҳисоби аниқ нишон медод.

**3. Фатҳуллозода Абдухолиқ Фатҳулло. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети “молиявию иқтисодӣ”-и Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бо чунин эродҳо:**

4. Дар баробари таҳқиқи моделҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ шакли корпоративии фаъолияти мақомотҳои давлатӣ бо бахши хусусӣ, бахусус бо соҳибкорони ватанӣ дар раванди татбиқи лоиҳаҳои инфрасохтории минтақавӣ аз назари муаллиф дур мондааст;

5. Хуб мебуд, агар, муаллиф тавсияҳо оид ба истифодабарии амалии натиҷаҳоро мустақиман ба кадом мақомоти ҳокимияти давлатӣ ё шахсони муайяни бахши хусусӣ пешниҳод менамуд.

6. **Гулов Қодир Муртазоевич – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,** сардори шӯъбаи идоракунии сифати таҳсилоти ДДБ “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” **бо чунин эродҳо:**

1. Дар автореферат нақши ҳукумати электронӣ ҳамчун фишангҳои амалигардонии сиёсати минтақавии давлат, мавриди омӯзиш қарор дода нашудааст, ки истифодаи чунини фишанг метавонад сиёсати минтақавии давлатро бозҳам рушд диҳад.

2. Тавсия дода мешавад, ки пешниҳодҳо оид ба муайянсозӣ ва такмил додани фишангҳои амалигардонии сиёсати минтақавии давлат тавассути шарики давлат ва бахши хусусӣ бояд мушаххас карда шаванд.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои амалигардонии сиёсати минтақавии давлат дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***консепсияи*** илман асоснок пешниҳод шудааст, ки ки шакли мукаммал ва мушаххаси ҳамкории субъектҳои хоҷагидорӣ дар иқтисоди давраи гузариш шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи тиҷорат мебошад. Ин навъи шарикӣ як созишномаи шартномавӣ мебошад, ки бахши давлатӣ бо мақсади амалигардонии лоиҳаҳои аҳаммияти иҷтимоидошта дониш, таҷриба ва захираҳои молиявии бахши хусусиро ҷалб мекунад. Дар натиҷаи ташкили оқилонаи ин шакли ҳамкорӣ, тамоми захираҳои арзиши иқтисодидошта самаранок истифода бурда мешаванд.

- ***таърифи муаллифии*** "шарикии давлат ва бахши хусусӣ" ҳамчун низоми алоқаи байниҳамдигарии институтсионалии муташаккили давлат ва бизнес, ки дар шакли ташкили комплексии фаъолияти иқтисодӣ ва ба ҳам манфиатовар баррасӣ гардида, барои расидан ба ҳадафи ягона дар пойгоҳи якҷоякунии захираҳои моддӣ ва ғайримоддии ниҳодҳо бо мақсади баланд бардоштани самаранокии рушди иқтисоди мамлакат, зиёд намудани ҳиссаи бахши хусусӣ дар тавлиди молу хизматрасониҳо ва рушди сифати зиндагии аҳолӣ пешниҳод гардидааст.

- ***Муайян гардидааст,*** ки шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар асоси таҷзиякунонии ҳуқуқҳои моликият ва таъсири омилҳои рушди мутақобилаи бизнес-сохторҳо амал мекунанд. Он бо роҳи ивази ихтиёрии салоҳиятҳо дар сатҳҳои гуногун (миллӣ ва минтақавӣ) амалӣ карда мешавад. Бахши давлатӣ баъзе афзалиятҳои иқтисодӣ ва шартномавии муайянро ба бахши хусусӣ пешниҳод менамояд ва дар натиҷа самаранокии рушди иқтисодии минтақаи алоҳида аз ҳисоби намудҳои нави фаъолияти иқтисодӣ баланд бардошта мешавад, ки дар онҳо ҳиссаи бахши хусусӣ бояд бештар карда шавад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- ***муқаррароти*** муҳими таҳқиқоти гузаронидашуда бо муҳиммияти амалии диссертатсия дар истифодабарии натиҷаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ба сифати воситаи таҳлили иқтисодиёти минтақавӣ, инчунин таҳлили падидаҳои нави шарикии давлат ва бахши хусусии ҷумҳурӣ барои самаранок истифодабарии имкониятҳои муосири бахши давлатӣ ва хусусӣ истифода бурда мешаванд.

- ***исбот шудааст,*** ки ки шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар асоси таҷзиякунонии ҳуқуқҳои моликият ва таъсири омилҳои рушди мутақобилаи бизнес-сохторҳо амал мекунанд. Он бо роҳи ивази ихтиёрии салоҳиятҳо дар сатҳҳои гуногун (миллӣ ва минтақавӣ) амалӣ карда мешавад. Бахши давлатӣ баъзе афзалиятҳои иқтисодӣ ва шартномавии муайянро ба бахши хусусӣ пешниҳод менамояд ва дар натиҷа самаранокии рушди иқтисодии минтақаи алоҳида аз ҳисоби

намудҳои нави фаъолияти иқтисодӣ баланд бардошта мешавад, ки дар онҳо ҳиссаи бахши хусусӣ бояд бештар карда шавад.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта:**

- ***аҳамияти он, ки*** ки дар ин гуна ҳамкориҳо ҳиссаи бахши хусусӣ мунтазам бештар карда шуда, ҳангоми қабули қарорҳои идоракунӣ, танзими фаъолият, ба даст овардани манфиати иқтисодӣ ва амалисозии лоиҳаҳо бо истифодабарии механизми ҳамоҳангии давлат ва тиҷорати хусусӣ афзалият ва авлавият дода шавад.

- ***самтҳои*** авлавияти иқтисодӣ ва афзалияти ҳамкориҳо ҳангоми иҷрои шартномаҳои мутақобила дар натиҷаи амалӣ намудани механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи минтақавӣ пешниҳод гардидаст, ки аз ҳисоби намудҳои нави фаъолияти иқтисодӣ, самаранокии иқтисодии минтақаҳо баланд бардошта мешавад.

- ***омӯхта шудаанд:*** 1) ҷанбаҳои назариявӣ ва методии мафҳуми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар шакли ташкили комплексии фаъолияти иқтисодӣ; 2) – зарурати мунтазам зиёд намудани ҳиссаи бахши хусусӣ дар шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун механизми таъмини рушди иқтисодии минтақа баррасӣ гардидааст; 3) – тамоюлҳои рушди иқтисодии минтақаҳои ҷумҳурӣ дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ вобаста аз омилҳои ниҳодӣ (институтсионалӣ).

- ***методикаи*** эътимоднокӣ бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумотҳо, кифоягии ҳаҷми маводҳои таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назарӣ ва таҷрибавӣ бароварда шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

- ***тавсияҳои методӣ ва амалии*** таҳиякардаи муҳаққиқ дар раванди мукаммалгардонии фанҳои Иқтисодиёти минтақавӣ», «Шарикии давлат ва бахши хусусӣ», «Менеҷмент», «Назарияи иқтисодӣ», «Менеҷменти сармоягузорӣ», «Менеҷменти молиявӣ», «Сиёсати инвеститсионии давлат» ва инчунин ҳангоми иҷрои корҳои илмӣ - таҳқиқотии магистрантҳо равона гаридидааст **(санади татбиқи натичаҳо аз 10.01.2023 таҳти №29/дс**). Ҳамзамон, тавсияҳои асосноки муҳаққиқ дар амалия, дар фаъолияти Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон **(санади татбиқи натиҷаҳо аз 06.02.2023**) мавриди истифода қарор гирифтаанд.

- ***самтҳои такмили*** ҳамкориҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи минтақа вобаста аз таҳия ва коркарди механизмҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ташкилӣ асоснок карда шудааст, инчунин механизми мукаммалсозии низоми идоракунии ҳамкориҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ коркард карда шудааст, ки ба беҳтарсозии фаъолияти сармоягузорӣ дар сатҳи минтақавӣ равона гардидааст.

- ***стратегияи*** тамоюлҳои рушди иқтисодии минтақаҳои ҷумҳурӣ дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ вобаста аз омилҳои ниҳодӣ.

- ***пешниҳод шудааст***, ки дар шароити имрӯза барои боз ҳам баланд бардоштани самаранок истифодабарии сарчашмаҳои сармоягузорӣ ба соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва дар ҳамин замина баланд бардоштани сифати тайёркунии мутахассисон дар мамлакат сарикасикунонӣ, мувофиқсозии диверсификатсияи хароҷоти буҷет ба талаботи муосир роҳандозӣ карда шаванд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- ***назарияи*** илман асоснок намудани натиҷаҳои омӯзиши ки шакли мукаммал ва мушаххаси ҳамкории субъектҳои хоҷагидорӣ дар иқтисоди давраи гузариш шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи тиҷорат мебошад. Ин навъи шарикӣ як созишномаи шартномавӣ мебошад, ки бахши давлатӣ бо мақсади амалигардонии лоиҳаҳои аҳаммияти иҷтимоидошта дониш, таҷриба ва захираҳои молиявии бахши хусусиро ҷалб мекунад. Дар натиҷаи ташкили оқилонаи ин шакли ҳамкорӣ, тамоми захираҳои арзиши иқтисодидошта самаранок истифода бурда мешаванд.

- ***равиши илман*** асоснокшуда ки дар сатҳи минтақавӣ маҷмуи соҳаҳое вуҷуд доранд, ки дар онҳо хусусигардонӣ ва зиёд намудани ҳиссаи бахши хусусӣ имконнопазир ва манфиатовар аст. Илова бар ин дар айни замон онҳо зарурати ба ташаккул ва истифодаи фишангҳои сиёсати давлатӣ дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусиро доранд.

- ***усулҳои*** усули системавӣ, таҳлилӣ, монографӣ, ҳисобӣ-конструктивӣ, пурсиш, иқтисодӣ-оморӣ, баҳодиҳии экологӣ-иқтисодӣ, усули муқоисавии таҳлил, мушоҳидаи шахсӣ ва ғ.

- **муайян карда шуд,** ки натиҷаҳои сифатӣ ва миқдории таҳқиқот тавассути манбаъҳои муътамади назариявӣ ва амалӣ таъйид гардида, истинод ба адабиёти иқтибосгардида бо риояи муқаррароти мавҷуда сурат гирифтааст. Диссертатсия ва автореферат аз санҷиши асолати илмӣ гузашта, маълумотнома аз барномаи “Антиплагиат” сароҳатан сатҳи онро 76,47% ва 91,67% нишон додааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот:** 1) Ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи диссертатсия, ба монанди таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст; 2) Муаллиф дар коркард ва таъйиди самтҳои асосии амиқсозии фишангҳои сиёсати минтақавии давлатӣ дар асоси ШДБХ, ҷамъкунӣ ва таҳлили маълумотҳои оморӣ ва ҳақиқӣ дар минтақаи таҳқиқгардида саҳми худро гузошта, хулоса ва пешниҳодҳои илмиро ба даст оварда, мақолаҳои илмӣ омода ва чоп намудааст; 3) дар омода намудани 14 мақола, аз он ҷумла 6-адад мақолаи илмӣ дар нашрияҳои Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи омӯхташуда иборат аст.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Зоҳири Тоҷидин дар мавзуи «Фишангҳои амалигардонии сиёсати минтақавии

давлат дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.03 –Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ, кори мустақилона анҷомшудаи илмӣ ва тахассусӣ маҳсуб ёфта, дорои мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ мебошад ва дар таҳкими асосҳои назариявию методии такмили равандҳои сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дар заминаи баланд бардоштани самаранокии онҳо саҳм гузошта, имкон медиҳад, ки масоили ҳалталаби соҳа ҳаллу фасл гарданд. Диссертатсия ба бандҳои 3.2, 3.8, 3.14, 3.15-и Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мувофиқат мекунад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 04.04.2025 қарори сазовор донистани Зоҳири Тоҷидин номзади илмҳои иқтисод аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 –Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла мутахассисон 5 нафар аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ: «Тарафдор» –14 нафар, «Муқобил» – нест, «Бетараф» – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**04 апрели соли 2025.**